«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.х., полковники милитсия
_____________Насуриён П.А.
«07» ___06___ соли 2024

# ХУЛОСАИ
# АКАДЕМИЯИ ВКД ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд», дар кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Қодирзода Ғ.Н. соли 2013 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшинос-омӯзгор хатм намудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия аз соли 2020 то инҷониб Ғ.Н. Қодирзода унвонҷӯи кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2024 аз ҷониби Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст (шаҳодатнома аз 3 апрели соли 2024, № 2).

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ғ.Н. Қодирзода бо Қарори Шурои олимони Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, таҳти №5 тасдиқ шудааст. Роҳбари илмӣ – Мансурзода Амиршоҳ Мансур, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори факултети № 2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Рисолаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2024 таҳти № 11 ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад,** ки устувории давлати ҳуқуқбунёд, риояи қонуният, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, тартиботи ҳуқуқӣ аз сатҳи шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун шуури ҳуқуқии касбӣ вобаста мебошад. Инчунин, қобили

зикр аст, ки ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ яке аз заминаҳои асосии ташаккули давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар раванди кунунӣ амалияи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад, ки дар самти сатҳи шуури ҳуқуқии кормандон як андоза норасогиву камбудиҳо ҷой доранд. Аз ҷумла таҳлилҳо нишон медиҳад, ки сатҳи пасти касбӣ, ҷой доштани ҳуқуқвайронкунӣ, ноуҳдабарои дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ, дар ҳолати паст қарор доштани донишҳои ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ яке аз масъалаҳои мубрами ин мавзуъ мебошад. Ҳамзамон таҳлили маводи оморӣ, ҳисоботу натиҷагирии вазъи риояи қонуният ва интизоми хизматӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ, инчунин хулосаи назарсанҷии дар байни кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва шаҳрвандон гузаронидаи диссертант собит менамояд, ки имрӯз сатҳи касбият ва шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ беҳбудиро тақозо менамояд.

Бояд иброз намуд, ки дар замони Истиқлолияти давлатӣ бо мақсади амалӣ гардонидани ҳадафҳои давлат ҷиҳати баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ва хизматчиёни давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқии калидӣ ва консепсияву барномаҳои давлатӣ ба монанди «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2023, таҳти №357, «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005, «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, таҳти №599, «Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №265 ва якчанд санадҳои дигари барномавӣ қабул гардиданд.

Инчунин бо мақсади рушди мақомоти корҳои дохилӣ моҳи феврали соли 2010 бо ба имзо расидани «Ёдошти тафоҳум байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо», «Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013 – 2020», «Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014 – 2020» ва «Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021 – 2025» қабул гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** ба сатҳи илмии навгонии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод

мешаванд пурра мутобиқ буда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ муҳим арзёбӣ гашта, асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Барои ноил гардидан ба ин ҳадаф ҳал намудани вазифаҳои зерин дар назар аст:

– омӯзиши мафҳум, сохтор ва функсияҳои шуури ҳуқуқӣ;

– муайян намудани нақш ва муҳиммияти шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд;

– муқаррар намудани муҳиммияти таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ дар ташаккулёбии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ;

– таҳқиқ намудани ҷойгоҳи ислоҳоти соҳавӣ (милитсия) дар ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани таъсири омилҳои иттилоотӣ ба шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд;

– дақиқ намудани роҳҳои асосии баланд бардоштани шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ошкор намудани камбудӣ ва норасоиҳо дар ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– омӯхтани таҷрибаи давлатҳои пешқадам ва муайян намудани роҳҳои истифодаи он дар ташаккулёбии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани роҳҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ки ба раванди ташаккули шахсияти касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ алоқаманд аст;

– таҳқиқи нақши технологияи иттилоотӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳия ва асоснок кардани чораҳои муосири баланд бардоштани шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ.

**Навгонии илмии** таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки он аввалин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ вобаста ба масъалаи шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бо дарназардошти арзишҳои давлати ҳуқуқбунёд ва раванди амалигардонии ислоҳоти милитсия дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқоти мазкур ба шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардидааст.

Инчунин, дар диссертатсия шаклҳои халалдоршавии шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, аҳамияти сатҳи баланди шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, нақши таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, таҷрибаи давлатҳои хориҷа дар ташаккул додани шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва нақши технологияҳои иттилоотӣ дар рушди шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ таҳлил карда мешаванд.

Нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, навгонии таҳқиқоти илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос мекунанд.

Инчунин навгонии таҳқиқоти илмиро нуктаҳои илмие, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст, муайян менамоянд.

**Заминаи эмпирикии таҳқиқоти диссертатсиониро** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқот сарчашмаҳои қонунгузории амалкунанда, барнома, стратегия, консепсияҳои давлатӣ, асарҳои олимони ватанию хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқ, таърих, психология, педагогика, фалсафа ва ғайраҳо мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Бо мақсади боз ҳам дақиқ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтани шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаҳо, Оинномаҳо, Кодекси одоби касбии корманди милитсия ва ҳамзамон ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ дар соҳаи милитсия истифода шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни мафҳум, сохтор, функсия, шаклдигаркунӣ ва роҳҳои ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ташкил медиҳад. Асоси таҳқиқотро асарҳои ҳуқуқшиносони Шӯравӣ ва пасошӯравӣ, инчунин асарҳои илмӣ дар соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, фалсафаи ҳуқуқ ва ғайра ташкил медиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии ба мавзӯи мазкур рабтдошта, тавзеҳ дода шаванд. Таҳқиқоти гузаронидашуда ба рушди минбаъдаи шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард. Дар таҳияи таҳқиқ муаллиф ба осори У.А. Азиззода, С.С. Алексеев, У.А. Азимӣ, А.Р. Абдулло, И.Ҳ. Бобоҷонзода, В.С. Бреднева, П.П. Баранов, Р.С. Байниязов, Д.С. Безносов, Э.Б. Буризода,

О.А. Бурканова, Н.Н. Вопленко, А.Б. Венгеров, Н.Л. Гранат, Ҷ.М. Зоир, И.А. Илин, А.З Куканов, У.К. Каримзода, Т.К. Қодирзода, А.М. Мансурзода, Э.С. Насриддинзода, Л.М. Нусратов, Н.Ҷ. Назарзода, А.Ш. Одиназода, О.В. Пересадина, Р.Ҳ. Раҳимзода, Р.Р. Раҳматҷонзода, Д.С. Раҳмон, Р.М. Раҷабзода, В.П. Салников, Ш.С. Саркорова, В.М. Столовский, Ф.Т. Тоҳиров, И.Е. Фарбер, А.Ғ. Холиқзода, Ф.Р. Шарифзода, Р.Ш. Шарофзода ва дигарон такя намудааст.

**Асосҳои методологии** таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ ташкил додаанд. Дар диссертатсия усулҳои умумии фалсафӣ ба монанди усулҳои диалектикӣ, низомнок, функсионалӣ ва таҳлилӣ истифода шудаанд. Инчунин, усулҳои махсуси таърихӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ низ истифода гардидаанд.

Дар ин таҳқиқот шуури ҳуқуқӣ ҳамчун шуури умумӣ баррасӣ шуда, шуури ҳуқуқии касбӣ ҳамчун шуури махсус, дар навбати худ, ҳамчун шуури ягонаи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ баррасӣ гардидааст. Усули таҳлили низомнок имкон медиҳад, ки шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун низоми томи мураккаб, инкишофёбанда ва худтанзимшаванда дарк гардад. Дар доираи усули низомнок шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун ҷузъи ҳам шуури ҳуқуқӣ ва ҳам шуури умумӣ дар маҷмӯъ таҳлил гардид. Инчунин, усули низомнок имкон медиҳад, ки муносибати байни шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва касбӣ муайян карда шавад, ки бидуни он тасаввур кардани охирин ҳамчун самти арзишӣ-меъёрии субъектҳои бо фаъолияти ҳуқуқӣ ба таври касбӣ машғулбуда душвор аст. Усули дигари муҳиме, ки дар диссертатсия истифода бурда мешавад, ин усули функсионалӣ мебошад, ки нақши шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилиро дар низоми ҳуқуқии ҷомеа ошкор месозад. Усули диалектикӣ имкон дод, ки шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳолати ташаккул ва рушд таҳқия гардад. Дар доираи усулҳои махсуси илмӣ ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз диди таърих, назариявӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқот қарор дода шуд.

Бо мақсади омӯзиши ҳамаҷонибаи шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар баробари истифодаи усулҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ муаллиф аз усули эмпирикӣ дар доираи татбиқи ҳадафҳои мушаххаси сотсиологӣ истифода намудааст. Дар баробари ин, таҳқиқоти мушаххаси сотсиологӣ, ки

муаллиф анҷом додааст, ба усулҳои зерини таҷрибавӣ асос ёфтааст: пурсиш (пурсиши хаттӣ), мусоҳиба (пурсиши шифоҳӣ) ва ғайра.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** фаҳмишҳои илмии шуури ҳуқуқии касбӣ, бахусус шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мукаммал гардида, ҳамзамон он ба устуворгардии пояҳои давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон замина мегардад. Ҳамзамон натиҷаҳои кори мазкур метавонад барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад намояд. Дар баробари ин натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ба мо имкон медиҳад, ки роҳҳои асосии ташаккулёбии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд муайян созем.

Хулоса, нуктаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия пешбинӣ шудаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳо, стратегия ва консепсияҳои сатҳи идоравӣ ва давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити эъмори давлатӣ ҳуқуқбунёд истифода шаванд. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои рисола метавонанд ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва дар раванди таҷрибаомӯзӣ, такмили ихтисоси кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва таълими фанҳои «назарияи давлат ва ҳуқуқ», «таърихи давлат ва ҳуқуқи кишварҳои хориҷӣ», «таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон» ва ғайра ҳангоми навиштани реферату, рисолаҳои хатм ва таҳқиқоти диссертатсионӣ васеъ истифода гарданд.

**Мутобиқати диссертатсия** таҳиянамудаи Ғ.Н. Қодирзода дар мавзуи шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

Оид ба мавзуи диссертатсия муаллиф 13 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиядодаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд ва пурра мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд. Ҳамаи мақолаҳои таҳиянамудаи муаллиф оид ба муҳтавои диссертатсия навишта шуда, таҳлили онҳо дар қисми хулосавии диссертатсия сабт ёфтааст.

Аз ҷумла:

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:[1–М].** Қодирзода Ғ.Н. Алоқамандии ахлоқ ва меъёри ҳуқуқ: таҳлили мухтасар [Матн] / А.М. Мансурзода, Ғ.Н. Қодирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. – №3 (47). – С. 36-41.

**[2–М].** Қодирзода Ғ.Н. Нигилизми ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва пайомадҳои он [Матн] / А.М. Мансурзода, Ғ.Н. Қодирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – №3 (55). – С. 37-43.

**[3–М].** Қодирзода Ғ.Н. Аҳаммияти шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии кормандони МКД дар эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалии Донишгохи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ, 2022. – №4 (28). – С. 69-78.

**[4–М].** Қодирзода Ғ.Н. Шуури ҳуқуқии нозирони бозрасии давлатии автомобилӣ: назария ва амалия [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – №1 (61). – С. 123-130.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ - амалӣ чоп шудаанд:**

**[5–М].** Қодирзода Ғ.Н. Нигилизми ҳуқуқӣ: назария ва амалияи он (таҳлили мухтасар) [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалии Донишгохи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ. – 2020. – №4 (20). – С. 23-29.

**[6–М].** Қодирзода Ғ.Н. Сатҳи баланди шуури ҳуқуқии конститутсионӣ омили рушди ҳуқуқи инсон [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Маводи III - умин конференсияи илмӣ – назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» (шаҳри Душанбе, 10 декабри соли 2020). – С. 201-205.

**[7–М].** Қодирзода Ғ.Н., Шуури ҳуқуқии конститутсионӣ омили самарабахш дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шахрванд [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода, Ҷалолзода С.И. // Маводи VIII - умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития» (шаҳри Душанбе, Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон. 30 - юми октябри соли 2020). – С. 92-95.

**[8–М].** Қодирзода Ғ.Н. Аҳамияти шуури ҳуқуқии кормандони МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шахрванд [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Маводи IV - умин конференсияи

илмӣ – назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» (шаҳри Душанбе, 10 декабри соли 2021). – С. 175-178.

**[9–М].** Қодирзода Ғ.Н. Нақши ахлоқ ва шуури ҳуқуқӣ дар пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Маводи V - умин конференсияи илмӣ – назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» (шаҳри Душанбе, 10 декабри соли 2022). – С. 120-124.

**[10–М].** Қодирзода Ғ.Н. Ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ: таҳлили мухтасар [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 115 - солагии академик Бобоҷон Ғафуров (шаҳри Душанбе, ДДМ ба номи М.В. Ломоносов, 28-29 - уми апрели соли 2023). – С. 112-117.

**[11–М].** Қодирзода Ғ.Н. Тарбияи ҳуқуқӣ - омили ташаккулёбии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Маводи II-юмин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (шаҳри Душанбе 29 апрели соли 2023). – С. 240-243.

**[12–М].** Қодирзода Ғ.Н. Тарбияи ҳуқуқӣ - ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати тарбиявии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити дигаргуншавии ҷомеаи Тоҷикистон: мушкилот ва стратегияи рушд. – Душанбе, Нашриёти РТМТ ва Н - и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, – 2023. – С. 86-97.

**[13–М].** Қодирзода Ғ.Н. Шуур ва фарҳанги ҳуқуқии касбӣ: таносуби онҳо [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Маводи конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи 25 солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо. (шаҳри Душанбе, 2023). – С. 100-103.

Бо дарназардошти масъалаҳои дар боло матраҳгардида,

**қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» таҳқиқоти илмӣ-назариявии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудани дараҷаи илмӣ ва унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси: 12.00.01

– назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ тарафдор - 19 нафар, зид - 0 нафар, бетараф - 0 нафар, суратҷаласаи № 11 аз 6 июни соли 2024.

**Раиси ҷаласа:**
сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии
Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
подполковники милитсия Каримзода У.К.

**Котиби ҷаласа:**
сардори кабинети кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии
Тоҷикистон, майори милитсия Қурбонзода Ҷ.Ғ.

Имзои Каримзода У.К. ва Қурбонзода Ҷ.Ғ.-ро
тасдиқ мекунам:
муовини сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Камолӣ З.Б.

06.06.24

*Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи М.Мастонгулова, 3. Тел.: +992 (37) 226-60-42; Факс: +992 (37) 226-60-43; E-mail: avkdjt.@mail.ru*